**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзуи "Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Селексияи генотипҳои пахта бо сифати баланди нах ва миқдори ҳосил омили муҳимтарини соҳа ба ҳисоб меравад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон аз 22.12.2016 омадааст: «Соҳаи пахтакорӣ ба рушди саноати сабук, содироти маҳсулот ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд».

Дар баробари омӯзиши тағйирёбии хусусиятҳои технологии нах ва барҷастагии ғӯзаҳои дурагаҳои $F_1$, $F_2$ ва $F_3$, ки аз гардолудкунӣ бо омехтаи гарди гул ҳосил карда шудаанд, унвонҷӯ Рустамов Ш.Р., дар як маврид зоҳирёбии тағйироти зудрасӣ ва маҳсулнокии ҳамаи се насли ин дурагаҳоро таҳқиқ намудааст.

Таҳқиқоти Рустамов Ш.Р., усулҳои асосии кор аз дурагакунии байнинавъӣ, гардолудкунӣ бо омехтаи гарди гул, ҷуфтикунии дохилинамудӣ ҷуфтикунии мустақим ва баръакс иборат аст, ки аз рӯйи нақшаи зерин гузаронида шудааст.

Интихоби ҷуфтҳои волидайнӣ ба рӯёндани намунаҳои дурага диққат дода шуд, ки дар онҳо ҳосили баланд бо сифати хуби нах ба таври муфид тавъам ёфтааст. Ба сифати маводҳои ибтидоӣ навъҳои намуди G. barbadense L, 5595-В, 6465-В, 9123-И ва 6249-В истифода бурдашудааст, ки аз 16-намунаҳои дурагаҳои $F_3$-и пахтаи маҳиннах барои давом додани корҳои селексионӣ дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон омӯхта шуданд.

Унвонҷӯ Рустамов Ш.Р., тавсия медиҳад, ки барои ҳосил намудани дурагаҳо бо хусусиятҳои баланди нах истифодаи усули ҷуфтикунии ҷуфт беҳтар аст. Усули гардолудкунӣ бо омехтаи гарди гул метавонад барои ҳосил намудани дурагаҳои маҳсулнокиашон баланд истифода бурда шавад. Истифодаи ҷуфтикунии дохилинавъӣ барои ҳифз намудани хусусиятҳои технологии нах аз ҷониби навъҳои нав дар стандарти муқаррарнамуда ба муддати нисбатан тӯлонӣ ёрӣ мерасонад.

Мақолаҳои интишории унвонҷӯ ва автореферати ӯ пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд. Кори диссертатсионии Рустамов Шухрат Рустамович дар мавзуи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст,

тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявию амалиаш, навгониҳо, чопи мақолаҳои илмӣ, хулосаҳои илмиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи кори диссертатсионӣ Рустамов Шуҳрат Рустамович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Филиали Институти зироткорӣ, шӯъбаи селексия
ва тухмипарварии зироати пахта, ходими калони илмӣ,
номзади илмҳои биологӣ бо ихтисоси 06.01.05-
Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ Неъматов М.Н.

Имзои Неъматов ро тасдиқ менамоям:
Шӯъбаи кадрҳо Зокирова М.

Суроға: Суроға: 735691, Ҷумҳурии Тоҷикистон,вилояти
Суғд,н.Б.Ғафуров,ҷамоати Исфисор кӯчаи ба номи Алиев А. 1,
E-mail:ziroatkor.sugd@mail.ru

27.02.2024